# Tajik State University of Commerce

**Course name: Circular Economy Fundamentals**

**Week 1:** Introduction to Circular Economy: Concepts and Principles

**Lecturer:** Professor Kadyrova Zarrina Halimovna

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи фан: Асосҳои иқтисодиёти даврӣ**

**МАВЗӮИ 1:** Муқаддима ба иқтисодиёти даврӣ: мафҳумҳо ва принсипҳо

**Омӯзгор:** профессор Қодирова Зуррина Ҳалимовна

2. https://minpriroda.gov.by/printv/ru/news-ru/view/v-belarusi-utverzhdena-natsionalnaja-strategija-razvitija-ekonomiki-zamknutogo-tsikla-5818/

**Нақшаи лексия:**

1. Муқаддима ба фанни “Асосҳои иқтисодиёти даврӣ”.
2. Пайдоиш ва рушди консепсияи иқтисодиёти даврӣ (ИД).
3. Мафҳуми иқтисодиёти даврӣ.
4. Иқтисодиёти хаттӣ ва иқтисодиёти даврӣ.
5. Принсипҳои асосии иқтисодиёти даврӣ.
6. Нақши иқтисодиёти даврӣ дар татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ).

## Муқаддимаи фанни “Асосҳои иқтисодиёти даврӣ”.




3

- Фанни «Асосҳои иқтисодиёти даврӣ» дар доираи лоиҳаи Эрасмус + Circulec таҳия шудааст ва ҳадафи асосии он баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои донишҷӯён дар самти рушди устувор ва мутобиқ намудани онҳо ба талаботи бозори меҳнат мебошад.
- Дар доираи фан мавзӯҳои зерин фаро гирифта мешавад:
- Принсипҳои асосии ИД
- Идоракунии захираҳо ва партовҳо
- Таҳрезии устувори маҳсулот
- Таҷрибаҳои байналмилалӣ ва муваффақ

3. https://director.by/home/ekonomika/8388-chto-takoe-tsirkulyarnaya-ekonomika-i-vozmozhna-li-ona-v-belarusi

## Вазифаҳои фанни ИД

- Ташаккули фаҳмиши мукаммал оид ба принсипҳои иқтисодиёти даврӣ.
- Омӯзиши имкониятҳои татбиқи амалии онҳо дар фаъолияти иқтисодӣ.
- Таҳлили бизнес моделҳои иктисодиети  даврӣ ва таъсири онҳо ба рақобатпазирии иқтисодиет
- Омузиши стратегияҳои давлати ҷиҳати татбиқи нақшаҳои гузариш ба иқтисодиети даврӣ

- Дар шароити рушди босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист аҳамияти зиёд пайдо кардааст.
- Модели анъанавии иқтисодӣ «гирифтан – истеҳсол кардан – истеъмол кардан- партофтан» ба талаботи рушди устувор пурра ҷавобгӯ нест.
- Афзоиши партовҳо ва истеъмоли зиёди захираҳо зарурати ҷустуҷӯи моделҳои нави иқтисодиро ба миён овардааст.


1

2. https://farabi.university/news/81096?lang=ru

## Мафҳуми иқтисодиёти даврӣ

- Иқтисодиёти даврӣ модели нави рушди иқтисодӣ мебошад.
- Дар он захираҳо ва маводҳо то ҳадди имкон дар гардиши иқтисодӣ нигоҳ дошта мешаванд.
- Истифодаи такрорӣ, коркарди дубора ва тарҳрезии устувори маҳсулот унсурҳои асосии он мебошанд.
- Ин равиш ба коҳиши партовҳо ва ҳифзи муҳити зист мусоидат мекунад.



2

2 https://minpriroda.gov.by/printv/ru/news-ru/view/v-belarusi-utverzhdena-natsionalnaja-strategija-razvitija-ekonomiki-zamknutogo-tsikla-5818/

## Робитаи фан бо дигар фанҳои иқтисодӣ

Иқтисодиёти даврӣ бо як қатор фанҳои иқтисодӣ алоқаманд аст:

- назарияи иқтисодӣ;
- иқтисодиёти корхона;
- менеҷмент ва маркетинг;
- иқтисодиёти экологӣ;
- иқтисодиёти захираҳои табиӣ;
- инноватсия ва рушди устувор.

Ин донишҳо ба таҳияи стратегияҳои устувор мусоидат мекунанд.

## Аҳамият ва заминаҳои илмӣ

- Мавзӯи иқтисодиёти даврӣ дар адабиёти илмӣ васеъ таҳқиқ шудааст. Ба он муҳаққиқон, аз ҷумла Andrea Raggi, Ed Weenk, Marc A. Rosen ва дигарон саҳм гузоштаанд.
- Дар Тоҷикистон низ ин самт дар Стратегияи рушди иқтисодиёти «сабз» барои солҳои 2023–2037 инъикос ёфтааст.
- Иқтисодиёти даврӣ ба истифодаи самараноки захираҳо ва рушди устувори ҷомеа мусоидат мекунад.

## 2. Пайдоиш ва рушди консепсияи иқтисодиёти даврӣ

### Асосҳои назариявии иқтисодиёти даврӣ

Асосҳои назариявии ин консепсия дар солҳои 60-уми асри XX пайдо шуданд. Иқтисоддон Kenneth E. Boulding ғояи гузариш аз «иқтисодиёти кушода» ба «иқтисодиёти пӯшида»-ро пешниҳод намуд.
Ӯ иқтисодиётро ҳамчун низоми маҳдуди захираҳо арзёбӣ мекард. Ба истифодаи самаранок ва гардиши такрории захираҳо аҳамияти махсус дода шуд.


4

Дар сурат Иқтисоддон Kenneth E. Boulding

4 http://old.math.nsc.ru/LBRT/g2/english/ssk/boulding-100.html

## Рушди идея дар солҳои 70-ум

Дар солҳои 70-уми асри XX масъалаҳои экологӣ дар кишварҳои аврупоӣ фаъолона баррасӣ шуданд. Таваҷҷуҳ ба истифодаи оқилонаи захираҳо ва кам кардани таъсири саноат ба муҳити зист афзоиш ёфт. Дар ҳамин давра идеяи гузариш ба иқтисоде, ки ба гардиши такрории захираҳо асос меёбад, ташаккул ёфт.

## Консепсияҳои марбут

Рушди иқтисодиёти даврӣ бо пайдоиши як қатор консепсияҳои нав алоқаманд аст:

- иқтисодиёти экологӣ;
- саноати экологӣ;
- идоракунии устувори захираҳо.

Ин равишҳо ба кам кардани партовҳо ва истифодаи самараноки захираҳо равона шудаанд.

## Рушд дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI

Дар ин давра консепсияи иқтисодиёти даврӣ босуръат рушд ёфт.
Яке аз самтҳои муҳим – симбиози саноатӣ мебошад.
Партовҳои як корхона метавонанд ҳамчун ашёи хом барои корхонаи дигар истифода шаванд.
Ин равиш ба кам шудани партовҳо ва баланд шудани самаранокии захираҳо мусоидат мекунад.

## Нақши технологияҳои муосир

Рушди иқтисодиёти даврӣ бо Инқилоби чоруми саноатӣ алоқаманд аст.

Технологияҳои нав имконият медиҳанд:

- идоракунии самараноки истеҳсолот;
- истифодаи беҳтари захираҳо;

коҳиши партовҳо.

Аз ҷумла технологияҳои рақамӣ, интернети ашё ва зеҳни сунъӣ.

# 3. Мафҳуми иқтисодиёти даврӣ.

## Мафҳуми иқтисодиёти даврӣ дар адабиёти илмӣ

Дар тадқиқоти олимони  хориҷӣ нисбат ба мафҳуми иқтисодиёти даврӣ равишҳои гуногун пешниҳод шудаанд.
Муҳаққиқон ин мафҳумро аз нуқтаи назарҳои гуногуни илмӣ шарҳ медиҳанд.
То имрӯз дар байни олимон нисбат ба таърифи ягонаи иқтисодиёти даврӣ ҳамфикрии пурра вуҷуд надорад.
Баъзе муҳаққиқон онро ҳамчун системаи нави рушди иқтисодӣ тавсиф мекунанд.
Гурӯҳи дигар иқтисодиёти давриро бештар бо истеъмоли масъулона ва кам кардани партовҳои саноатӣ алоқаманд медонанд.
Бо вуҷуди маъруфияти зиёд, ташаккули таърифи умумии ягона барои ин мафҳум то ҳол пурра муайян нашудааст

| Манбаъ | Таъриф |
|---|---|
| **Kirchherr J., Reike D., Hekkert M.** | Иқтисодиёти даврӣ низоми иқтисодиест, ки ба моделҳои муосири тиҷоратӣ асос ёфта, дар он мафҳуми «поёни давраи ҳаёти маҳсулот» бо кам кардани истифодаи захираҳо, истифодаи такрорӣ ва коркарди дубораи мавод дар равандҳои истеҳсол, тақсимот ва истеъмол иваз карда мешавад. Ин низом дар се сатҳ амал мекунад: микро (маҳсулот, ширкатҳо ва истеъмолкунандагон), мезо (паркҳои экосаноатӣ) ва макро (шаҳр, минтақа, давлат ва сатҳи байналмилалӣ). Ҳадафи асосии он таъмини рушди устувор тавассути фароҳам овардани муҳити зисти солим, рушди иқтисодӣ ва адолати иҷтимоӣ ба манфиати наслҳои имрӯза ва оянда мебошад. |
| **Sauve S., Bernard S., Sloan P.** | Иқтисодиёти даврӣ модели истеҳсол ва истеъмоли молу хизматрасониҳо мебошад, ки ба гардиши пӯшидаи ҷараёнҳои моддӣ асос ёфтааст. Дар ин модел таъсири омилҳои берунаи экологӣ, ки бо истихроҷи захираҳои аввалия ва ташаккули партовҳо (аз ҷумла ифлосшавии муҳити зист) алоқаманданд, ба назар гирифта мешаванд. |

| | |
|---|---|
| **Korhonen J., Nuur C., Feldmann A., Eshetu Birkie S.** | **Иқтисодиёти даврӣ ҳамчун ташаббуси муҳими рушди устувор баррасӣ мешавад, ки ба коҳиш додани хусусияти хаттии системаҳои истеҳсол ва истеъмол равона гардидааст. Он истифодаи давраҳои гардиши мавод, манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва ҷараёнҳои каскадии энергияро дар бар мегирад. Ин модел ҳамзамон ҳамкории системавии истеҳсолкунандагон, истеъмолкунандагон ва дигар субъектҳои иқтисодиро барои ноил шудан ба рушди устувор тақвият медиҳад.** |
| **ШкарупетаЕ.В., Гилёк С.А., Польщиков Т.И.** | Иқтисодиёти даврӣ модели консептуалӣ ва системавии рушди иқтисодӣ мебошад, ки ба истифодаи такрории маҳсулоти моддӣ ва захираҳои энергетикӣ равона гардидааст. Ҳадафи он кам намудани партовҳо ва ифлосшавии муҳити зист, баланд бардоштани устувории равандҳои истеҳсолӣ, барқарорсозии муҳити зист ва эҷоди арзиши иловагии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ мебошад. |

| | |
|---|---|
| **Александрова В.Д., Есипова О.В.** | **Иқтисодиёти даврӣ фаъолияти иқтисодиест, ки ба сарфаи энергия, рушди истеҳсолоти экологӣ тоза ва барқароршаванда, инчунин ба истифода ва истеъмоли самараноки захираҳо равона шудааст. Модели даврӣ яке аз роҳҳои муассири нигоҳдории захираҳо ва мавод буда, имконияти таъмини рушди устувори иқтисодиро фароҳам меорад.** |
| **Пилюгина М.А.** | Иқтисодиёти даврӣ модели рушди иқтисодӣ мебошад, ки ба баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ ва кам кардани хавфҳо барои муҳити зист равона шудааст. Ин модел ба рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат менамояд. |

## Хусусиятҳои асосии иқтисодиёти даврӣ

Таҳлили таърифҳои гуногун нишон медиҳад, ки мафҳуми иқтисодиёти даврӣ дар адабиёти илмӣ аз нуқтаҳои назари гуногун шарҳ дода мешавад.
Бо вуҷуди фарқияти равишҳо, аксари олимон иқтисодиёти давриро ба истифодаи самараноки захираҳо ва кам кардани партовҳо марбут медонанд.
Яке аз принсипҳои асосӣ — гардиши такрории мавод дар равандҳои истеҳсол ва истеъмол мебошад.
Ин модел на танҳо масъалаҳои экологиро ҳал мекунад, балки ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ низ мусоидат менамояд.
Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши иқтисодиёти даврӣ ҳоло дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад.
Таҷриба ва тадқиқотҳои байналмилалӣ ҳамчун асоси назариявии фаҳмиши ин консепсия дар Тоҷикистон истифода мешаванд.

# 4. Иқтисодиёти хаттӣ ва иқтисодиёти даврӣ.






6. Инфографика: https://forbes.kz/blogs/blogsid_308501

## Моделҳои рушди иқтисодӣ

- Дар рушди иқтисоди муосир асосан модели иқтисодиёти хаттӣ истифода мешуд.
- Афзоиши истеъмоли захираҳо ва зиёд шудани партовҳо мушкилоти экологиро ба миён овард.
- Маҳдудияти захираҳои табиӣ зарурати ҷустуҷӯи модели нави иқтисодиро ба вуҷуд овард.
- Дар натиҷа консепсияи иқтисодиёти даврӣ ҳамчун алтернативаи устувор пешниҳод гардид.

## Хусусиятҳои иқтисодиёти хаттӣ

- Иқтисодиёти хаттӣ ба принсипи «гирифтан – истеҳсол кардан – истифода бурдан – партофтан» асос ёфтааст.
- Захираҳои табиӣ истихроҷ шуда, ба маҳсулот табдил дода мешаванд.
- Пас аз истифода маҳсулот ҳамчун партов партофта мешавад.
- Ҷараёни истифодаи захираҳо яктарафа мебошад.
- Ин модел боиси кам шудани захираҳои табиӣ ва зиёд гардидани партовҳо мегардад.

# Муқоисаи ду модел

| Меъёр | Иқтисодиёти хаттӣ | Иқтисодиёти даврӣ |
|---|---|---|
| **Принсипи асосӣ** | «Гирифтан – истеҳсол кардан – партофтан» | «Кам кардан – истифодаи такрорӣ – коркарди дубора» |
| **Ҷараёни захираҳо** | Яктарафа (аз табиат ба партов) | Даврӣ ва такрорӣ |
| **Муносибат ба партовҳо** | Партов ҳамчун маҳсулоти нолозим | Партов ҳамчун захираи нав |
| **Тарҳрезии маҳсулот** | Давраи ҳаёти кӯтоҳ | Давраи ҳаёти дароз, таъмиршаванда |
| **Таъсир ба муҳити зист** | Ифлосшавӣ ва зиёдшавии партовҳо | Кам кардани партовҳо ва ҳифзи захираҳо |
| **Самаранокии истифодаи захираҳо** | Паст | Баланд |

## Хусусиятҳои иқтисодиёти даврӣ

- Иқтисодиёти даврӣ моделест, ки дар он захираҳо ва маводҳо дар гардиши иқтисодӣ нигоҳ дошта мешаванд.
- Маҳсулот барои истифодаи дарозмуддат тарҳрезӣ мешавад.
- Ба таъмир, истифодаи дубора ва коркарди маҳсулот аҳамият дода мешавад.
- Асоси он принсипҳои reduce, reuse, recycle (кам кардан, истифодаи такрорӣ, коркарди дубора) мебошанд.
- Партов ҳамчун захираи нав барои истеҳсолот истифода мешавад.

## 5. Принсипҳои асосии иқтисодиёти даврӣ.

**Кам кардани истифодаи захираҳо (Reduce)**

Ин принсип ба кам намудани истифодаи ашёи хом, энергия ва дигар захираҳои табиӣ равона шудааст. Бо истифода аз технологияҳои муосир ва оптимизатсияи равандҳои истеҳсолӣ мумкин аст истеъмоли захираҳо кам карда шавад.

## Истифодаи такрории маҳсулот (Reuse)

Маҳсулот ё қисмҳои он метавонанд пас аз истифода дубора ба кор бурда шаванд. Ин раванд ба дароз гардидани давраи ҳаёти маҳсулот ва кам шудани талабот ба истеҳсоли маҳсулоти нав мусоидат мекунад.

## Коркарди дубораи мавод (Recycle)

Маводҳое, ки пас аз истифода ҳамчун партов ба вуҷуд меоянд, метавонанд коркард шуда, дубора ҳамчун ашёи хом дар истеҳсол истифода гарданд. Ин раванд ба кам шудани ҳаҷми партовҳо мусоидат мекунад

## Барқарорсозии захираҳо (Recovery)

Дар баъзе ҳолатҳо аз партовҳо метавон энергия ё дигар захираҳои арзишманд ба даст овард. Масалан, коркарди партовҳои органикӣ барои истеҳсоли энергия ё нуриҳои органикӣ.

## Таъмири маҳсулот (Repair)

Ин принсип ба он равона шудааст, ки маҳсулот ё таҷҳизот ҳангоми вайрон шудан партофта нашавад, балки таъмир карда шуда, боз истифода бурда шавад. Бо ин роҳ мӯҳлати истифодаи маҳсулот зиёд мегардад ва зарурати истеҳсоли маҳсулоти нав кам мешавад.

## Навсозии маҳсулот (Refurbish)

Ин равандест, ки дар он маҳсулоти истифодашуда ё кӯҳна таъмир ва нав карда мешавад, то ки боз бо сифати беҳтар истифода бурда шавад. Одатан баъзе қисмҳои маҳсулот иваз ё беҳтар карда мешаванд.

## Истеҳсоли дубораи маҳсулот (Remanufacturing)

Ин равандест, ки дар он маҳсулоти истифодашуда ё кӯҳна пурра ҷудо карда шуда, қисмҳои он санҷида, таъмир ё иваз карда мешаванд ва баъд дубора ҷамъ карда мешаванд, то ки маҳсулот ба сатҳи қариб мисли маҳсулоти нав баробар гардад.

## 6. Нақши иқтисодиёти даврӣ дар татбиқи Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ)

Иқтисодиёти даврӣ бо Ҳадафҳои рушди устувор (SDGs), ки аз ҷониби United Nations дар соли 2015 қабул шудаанд, робитаи зич дорад.
Ин ҳадафҳо ба рушди иқтисодӣ, ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ равона шудаанд.
Принсипҳои иқтисодиёти даврӣ ба истифодаи самараноки захираҳо ва кам кардани партовҳо мусоидат мекунанд.
Он барои татбиқи як қатор ҳадафҳои муҳим саҳм мегузорад, аз ҷумла:

- рушди иқтисодӣ ва шуғли муносиб;
- саноат ва инноватсия;шаҳрҳои устувор;
- истеҳсол ва истеъмоли масъулона;
- мубориза бо тағйирёбии иқлим.

Иқтисодиёти даврӣ ба татбиқи як қатор ҳадафҳои рушди устувор мусоидат мекунад:

Ҳадафи 8 — Рушди иқтисодӣ ва шуғли муносиб

Ҳадафи 9 — Саноат, инноватсия ва инфрасохтор

Ҳадафи 11 — Шаҳрҳо ва ҷомеаҳои устувор

Ҳадафи 12 — Истеҳсол ва истеъмоли масъулона

Ҳадафи 13 — Мубориза бо тағйирёбии иқлим

Ҳадафи 15 — Ҳифзи экосистемаҳои замин

# Адабиёт


1. Industrial Symbiosis for the Circular Economy: Operational Experiences, Best Practices and Obstacles to a Collaborative Business Approach, Raggi, Andrea et al., Springer, 2020.
2. Mastering the Circular Economy: A Practical Approach to the Circular Business Model Transformation, Weenk, Ed & Henzen, Rozanne, Kogan Page, 2021.
3. Value Co-Creation Processes in Circular Firms: Beyond Organizational Boundaries, Re, B., Palgrave Macmillan, 2024.
4. The Circular Economy: Case Studies about the Transition from the Linear Economy, Sillanpää, M.; Ncibi, C., Elsevier, 2019.
5. Circular Economy in Design and Product Management: Co-Creation at the Center of Circular Value Creation, Walcher, D., Springer Gabler, 2017.
6. United Nations. (2015). Transforming our world: The 2030 Agenda for Sustainable Development.
7. Стратегияи рушди иқтисодиёти “сабз” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037.

**Ташаккур ба диққататон!**